Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҷавони демократӣ дар роҳи бунёди давлатдории навини худ қадамҳои устуворро гузошта истодааст. Дар заминаи қабули санадҳои гуногуни ҳуқуқи байналмилалӣ пояҳои давлатдории навини мо мустаҳкам мегардад. Ин нуқта барои рушди давлатдории демократии ҳуқуқбунёд дар ҷаҳони муосир басо муҳим арзёбӣ мегардад. Бо ин мақсад, Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз ба даҳҳо асноди гуногуни байналмилалӣ ҳамроҳ гардида, амалӣ шудани онҳоро дар сатҳи байналмилалӣ босубот таъмин намуда истодааст.

Яке аз соҳаҳои дар ин зимн муҳимро метавон муносибатҳои ҳуқуки меҳнати арзёбӣ намуд. Бояд қайд кард, ки дар марҳилаи кунунӣ нуфузи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат нисбат ба низоми миллии ҳуқуқӣ тақвият ёфтааст, ки он дар навбати аввал бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ дар соҳаи иҷтимоӣ - иқтисодии кулли давлатҳо ва манотиқи ҷаҳон, хусусан дар соҳаи меҳнат вобастагии зиёд дорад. Дар айни замон меъёрҳои байналмилалии меҳнат амалан тамоми паҳлуҳои муносибатҳои меҳнатиро дар Тоҷикистон фаро гирифтаанд.

Муносибатҳои мазкур ва муносибатҳои дигари ба онҳо алоқаманд на танҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва дигар воситаҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ, инчунин, тавассути санадҳои гуногуни ҳуқуқии байналмилалӣ (санадҳои Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Байналмилалии Меҳнат, санадҳои байниминтақавӣ, минтақавӣ, дуҷониба ва бисёрҷониба) танзим мешаванд. Ин заруратро ба назар гирифта, муаллифи рисола таҷрибаи пешқадамро нишон дода, мақоми онро барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ пешниҳод намудааст. Аз ин сабаб, таҳқиқоти мазкур натанҳо мубрамияти илмӣ, балки амалиро низ доро мебошад. Он бешубҳа метавонад барои ислоҳоти соҳаи мазкур ва такмили қонунгузории миллӣ хизмат намояд.

**Дараҷаи навоварии таҳқиқот**. Дар таҳқиқот якчанд навоварӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, ки лоиқи дастгирӣ мебошанд. Пешниҳодҳои овардашуда илман асоснок гардида, барои рушди соҳаи ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалии меҳнат хизмат хоҳанд кард.

1. Дар банди якуми навовариҳо муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо назардошти васеътар будани низоми сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд нисбат ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи нав бо номи «Сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд» илова карда шавад, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирӣ мебошад.

2. Нуктаи дуюми барои ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф, яъне оиди маълум будани се сатҳи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд: а) мутамарказ; б) маҳаллӣ; в) шартномавӣ, ки дар моддаи 12 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Таносуби танзими қонунӣ ва шартномавии муносибатҳои меҳнатӣ» унвон дорад ва иваз намудани онро ба «Танзими мутамарказ, маҳаллӣ-

ҳуқуқӣ ва шартномавии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд» мувофиқи мақсад мешуморем.

3. Пешниҳоди дигари муаллиф ин муайян намудани иҷрои вазифаи дугонагии санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида мебошад, ки бе ягон шакку шубҳа қобили дастгирист. Тибқи пешниҳоди мазкур санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аввалан ба сифати сарчашмаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд; сониян, ба сифати асосу заминаи такмили қонунгузории дохилидавлатӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва комилан мутобиқ сохтани он бо принсипҳо ва меъёрҳои эътирофгардидаи ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат дар кишвар хизмат мекунанд.

4. Нуқтаи чаҳоруми барои ҳимоя пешниҳодгардида низ қобили дастгирист, зеро ки он ба фаъолияти хоси меъёрэҷодкунии Созмони Байналмилалии Меҳнат нисбат ба дигар созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавии байналмилалӣ бахшида шудааст ва натиҷаи ин фаъолиятро муаллиф дар шумораи зиёди конвенсияҳои тасдиқшуда мебинад, ки онҳо сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

5. Навгонии дигари барои ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф, ки ба масъалаи мутлақ набудани афзалияти ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба ҳуқуқи миллии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, волояти санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои соҳаи меҳнат бар қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат бахшида шудааст, қобили дастгирӣ мебошад.

6. Пешниҳоди дигари муаллиф оиди дар заминаи Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид баррсаӣ намудани маълумоти шахсони алоҳида (шикоятҳои инфиродии шахсон) дар бораи вайронкунии ҳуқуқҳои онҳо аз тарафи давлати иштироккунандаи Паймон, қобили дастгирист.

7. Масъалаи бетаъхир ҳамроҳ гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Протоколи факултативии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки аз ҷониби муаллиф ҳамчун навгонӣ барои ҳимоя пешниҳод гардидааст, мубрам ва саривақтӣ мебошад. Зеро амалӣ шудани пешниҳоди мазкур ба шахсони дар таҳти ҳимояи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта имкон медиҳад, ки вобаста ба вайрон гардидани ҳуқуқҳои меҳнатии худ аз ҷониби давлатҳои иштирокчии Протокол, бевосита ба Кумитаи дахлдори Созмони Милали Муттаҳид бо шикояти инфиродӣ муроҷиат намоянд.

8. Пешниҳоди дар банди ҳаштуми навовариҳо инъикосгардида, ки ба масъалаи аз эътибор соқит (денонсатсия) намудани 11 конвенсия ва тавсияномаҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат, ки ба масъалаи флоти (навгони) баҳрӣ ва дарёӣ, аз ҷумла флоти моҳидорӣ равона шудааст ва навгонии охирини муаллиф, ки ба масъалаи додани қувваи ҳатмӣ ба қарорҳои мақомоти назоратии Созмони Байналмилалии Меҳнат бахшида шудааст, баҳснок ва мароқангез арзёбӣ мегарданд ва дар хусуси онҳо дар қисмати эродҳо ба матн ва мазмуни рисола андешаи худро иброз менамоем.

Дар маҷмӯъ, муаллифи рисола, дар заминаи таҳқиқоти анҷомдода як қатор тавсияҳоро барои истифодаи амалӣ ва такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат таҳия ва пешниҳод намудааст.

**Асоснокии хулосаю пешниҳодҳо.** Хулосаю пешниҳодҳои муаллифи рисола илман асоснок буда, дар заминаи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва таҳлили санадҳои хуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ таҳия гардидааст. Муаллиф ҳангоми таҳияи рисола асноди гуногуни байналмиллалӣ ва қонунгузории амалкунандаи миллиро таҳлилу баррасӣ намуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои худро таҳия намудааст.

**Дараҷаи навоварии хулоса ва пешниҳодҳо.** Хулоса ва нуқтаҳои асосии барои ҳимоя тавсияшудаи таҳқиқот дар илми ҳуқуқшиносӣ бори

аввал пешниҳод гардида, аксари онҳо дар шакли нав баррасӣ шудаанд, ки аз саҳми мустақилонаи муаллиф дар баррасии масоили таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳанд.

**Сохтори рисола** вобаста ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи илмӣ муйаян гардида, мантиқан ба муқаддима, се боби фарогири ҳафт зербоб, хулоса, руйхати санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои илмии истифодашуда тақсим шудааст.

**Таълифоти натиҷаҳои тақиқот дар нашрияҳои илмӣ.** Қайд кардан бамаврид аст, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба таври муфассал ва дар шаклҳои гуногун нашр ва ба воситаи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конфнренсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ба самъи муҳаққиқон расонида шудааст. Доир ба мавзӯи пешниҳодгардида, мувофиқи иттилооти дар диссертатсия ва автореферати рисола ҷойдошта ҳафт мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як мақола дар нашрияи дигар ба табъ расидааст.

**Аҳмияти натиҷаҳои илмӣ барои назария ва амалия, тавсияҳо барои истифодаи онҳо.** Аз хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷойдошта ҳангоми пажӯҳишҳои минбаъдаи проблемаҳои амалии якҷояи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба меҳнат ва таносуби онҳо, инчунин, дар раванди такмили қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба принсипҳою меъёрҳои умумиэътироф-шудаи байналмилалӣ комилан мутобиқ намудани он истифода намудан мумкин аст.

Маводи диссертатсияро метавон дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ оид ба ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсон истифода намуд.

**Эродҳо ба матн ва мазмуни диссертатсия.** Новобаста аз таҳқиқоти анҷомёфта ва фарогир дар рисолаи мазкур баъзе норасоиҳо ва камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд.

1. Дар матни рисола муаллиф аз асарҳои баъзе аз олимони рус, аз ҷумла Хныкина Г.В. «Локальные источники российского трудового права: теория и практика применения», Дивеева Н.И. «Договорные основы трудового права России», Веселова Е.Р. «Локальные нормы трудового права» самаранок истифода намудааст. Аммо, дар қисмати «Дараҷаи коркарди илмии мавзӯъ» номи олимони мазкур ва асарҳои истифодашудаи онҳо нишон дода нашудааст.

2. Муаллиф дар банди 8-уми навгониҳо бинобар сабаби барои Ҷумҳурии Тоҷикистон надоштани манфиати амалӣ, аз эътибор соқит (денонсатсия) намудани 11 конвенсия ва тавсияномаҳои Созмони Байналмилалии Меҳнатро, ки ба танзими меҳнати кормандони флоти (навгони) баҳрӣ ва дарёӣ, аз ҷумла флоти моҳидорӣ равона гардидаанд, пешниҳод намудааст. Ба ақидаи мо масъалаи мазкур баҳснок буда, метавон татбиқи конвенсия ва тавсияномаҳои мазкурро бо роҳи ба имзо расонидани шарномаҳои дуҷониба ва ё бисёрҷониба бо дигар давлатҳое, ки аз лиҳози мавқеи ҷойгиршавӣ ба баҳрҳо баромад доранд, амалӣ намуд.

3. Ҳамчунин, муаллифи рисола дар навгонии охирини худ пешниҳод намудааст, ки дар сурати додани қувваи ҳатмӣ ба қарорҳои мақомоти назоратии Созмони Байналмилалии Меҳнат, метавон нисбат ба давлатҳои узви созмон, ки ухдадориҳои аз конвенсияҳои дахлдор бармеомадаро иҷро намекунанд, таъсиррасонии гуногунро татбиқ намуд. Дар ин хусус ба андешаи муаллиф рози шудан душвор аст, зеро ки санадҳои созмонҳои байналмилалӣ метавонанд дорои қувваи гуногуни ҳуқуқӣ бошанд ё ба таври куллӣ хусусияти тавсиявӣ дошта бошанд. Мавқеи чунин санадҳо ба таври мустақим тавассути созмонҳои байналмилалии дахлдор муайян карда мешавад, ки мизони зарур будани онҳоро баён мекунад. Тасмимот ва санадҳои барои иҷро ҳатмӣ тавассути созмонҳои байналмилалӣ фақат дар мавриди мавзӯъҳои хос ва дар ҳадди он салоҳиятҳое қабул карда мешаванд, ки давлатҳои чунин созмонҳоро таъсиснамуда салоҳиятҳои марбутаро ба онҳо дода бошанд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои орфографӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ баҳснок буда, баъзеи онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба мукаммалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Эродҳои овардашуда низ қимати илмии рисоларо паст намекунанд ва ё шояд муаллиф бо овардани далелҳои дигари исботкунанда аз мавқеи худ ҷонибдорӣ намояд. Дар маҷмӯъ диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, тавсия ва пешниҳодҳои он метавонанд барои рушду такмили минбаъдаи қонунгузории соҳа хизмат кунанд.

**Мутобиқатии диссертатсия аз рӯйи мазмун ва шакли таҳия ба талаботи Комиссияи олии атесстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муаллиф бо истифода аз адабиёт ва фикру мулоҳизаҳои шахсӣ анҷом дода, дар таҳлилу баррасии мавзӯъ саҳми намоён гузоштааст.

Диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба бандҳои 10, 12, 14, 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнатӣ; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 - Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва банди 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»,

ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Мансуров У.А.

Имзои Мансуров У.А.-ро **тасдиқ мекунам.**
Мудири шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Давлатов Х.Ҳ.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
**E-mail:** oumed_74@mail.ru **Тел:** +(992) 93-582-02-40.